# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Неъматов Рамазон Ҳуснидинович дар мавзуи “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ).**

Пойдевори оила аз самимияту эҳтироми ҳамдигар, меҳру муҳаббат, адолату шавқат устувору мустаҳкам мешавад, зеро “оилаи солим – ҷомеаи солим” мегуянд. Солҳои охир яке аз масъалаҳои ташвишовари ҷомеаи имрӯза ин ноустувории оилаҳои ҷавонон ва кандашавии ақди никоҳ дар байни оилаи ҷавонон мебошад. Донишмандони соҳаҳои мухталиф, мутахасисон ва масъулини мақомотҳои дахлдори давлатӣ доир ба пешгирии вайроншавии оилаҳои ҷавонон кушиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳарчи зудтар роҳи аз байн рафтани оилаҳои ҷавонон гирифта шавад. Дар пешгирии вайроншавии оилаҳои ҷавонон саҳми падару модарон хело зиёд мебошад. Падару модар дар масъалаи оиладор кардани фарзанд бояд ба саросемагӣ роҳ надиҳанд. Бояд қабл аз оиладор кардан ҳамаҷиҳата онҳоро ба зиндагии оилавӣ омода созанд.

Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот ин ошкор намудани асосҳои назариявӣ-амалии хусусиятҳои методии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ буда, тадқиқоти анҷомгирифта аз муқаддима, ду боб, 5 зербоб, хулоса, рӯихати адабиёти истифодашуда бо 164 номгӯ ва замимаҳо иборат буда, 172 саҳифаи чопиро дар бар мегирад, аз 7 ҷадвал ва 6 расму диаграмма иборат мебошад.

Ҳамчунин, таҳқиқот се давраро дар бар гирифта натиҷаҳои тадкикот интишор шуда, маводҳои таҳқиқ дар матни диссертатсия ба таври мукаммал шарҳу баён дода шуданд. Натиҷаҳои назарраси дар раванди таҳқиқ ба даст

овардаи муҳаққиқ дар журналҳои бонуфузи тавсияшудаи КОА интишор гардидаанд.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ - “Мундариҷаи раванди ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ” ва зербоби 2.1 “Ташхиси дараҷаи ташаккулпазирии тамоюли арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ” таҳлили сатҳи ибтидоии ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии арзишҳои оилавӣ бо як чаҳорчӯба дар ҳамбастагии масъалаи мавриди таҳқиқ ба масъалаҳои коркарди меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва дар асоси онҳо ҷудо намудани дараҷаи ташаккулпазирии тамоюлҳои арзишҳои оила дар ҷавонони донишҷӯ бахшида шудааст. Дар ин замина модели (амсилаи) ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оила дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯро диссертант пешниҳод менамояд, ки он ба таҳлили назариявии дар боби якум гузаронидашуда такя менамояд.

Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар раванди тадқиқот ақидаҳо ва хулосаҳои олимонӣ хориҷӣ ва ватаниро ба таври кофӣ истифода бурдааст. Дар кори диссертатсионии мазкур миқдори зарурии ташхисҳои илми вобаста ба мавзуи интихобгардида аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст, ки аксари онҳо дар маҷалаҳои тавсиягардидаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд. Муаллиф дар рафти таҳлилу баррасии мавзуи диссертатсионӣ ба санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳа вобаста ба мавзуъ такя намуда ба таври кофи истифода намудааст, ки ин ба манфиати кор мебошад.

Ҳамин тариқ мавриди ба зикр аст, ки новобаста аз баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ дар автореферати диссертатсия, муҳаққиқ тавонистааст кори хуби илмиеро анҷом диҳад. Таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муллифи он -   Неъматов Р.Ҳ. ба натиҷаҳои возеҳ ва равшани илмӣ даст ёфта аст ва рисолаи илмии худро дар мавзуи “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) бо ба инобат гирифтани талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра

омода намудааст, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор дониста мешавад.

Доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогика, психология ва
методикаи таълими Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М. Назаршоев Булбулов Ҷ.

5.02.2024

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи Ленин, 28; Тел.: +(992) 2-45-79, +(992) 2-22-48, (раб.) 935-00-62-43 (моб.); Суроғаи электронӣ: juma.bulbulov1955@gmail.com

Имзои Ҷ. Булбулов-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси ДДХ ба номи М. Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

**Нишонӣ:** ш. Хоруғ, кӯчаи Шириншоҳ Шоҳтемур, 109.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.
Тел.: +992 (835)2-45-79, Сомона: www.khogu.tj ,E-mail: ksu.khorog@mail.ru